## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ доир ба рисолаи Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар мавзуи «Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020200 - муносибатҳои байналхалқӣ тавсия карда мешавад.**

Диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо Замирович, ки дар мавзуи «Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳанги-сиёсии Тоҷикистон» навишта шудааст, фарогирандаи инъикоси масъалаи актуалии замони муосир, яъне таъсири тамаддунҳои ҷаҳони ва масъалаи рамзи фарҳанги мебошад, дорои аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалиро доро мебошад.

Дар вазъияти шиддати ҷаҳонишавӣ ва модернизатсякунонӣ зарурати омӯхтани ин равандҳои таъсири тамаддунҳои гуногун ба ин ё он давлат халқият ё фарҳанг барои таҳлилгарон пеш меояд, ки дар шароити гузариш аз байни арзишҳои воридшудаи тамаддунҳои барҷаста чиро бояд инихоб намуд, ки барои пешравии ҷомеъа ва давлат мусоидат намоянд. Инчунин, проблемаи нигаҳдошти фарҳанги миллӣ ва устуворгардонии арзишҳои он дар руҳияи ҷаҳонишавӣ ва худшиносии миллӣ дар пеши тадиқотчиён вогузор карда мешаванд. Айнан аз болои масъалаҳои зикргардида унвонҷӯ пажӯҳиш намудааст.

Проблемаи нигаҳдории фарҳанги миллӣ, тамаддуни хеш ва гирифтани арзишҳо ва таҷрибаи дигар тамаддунҳо, давлатҳо ва миллатҳо дар баромадҳо, суханрониҳо ва паёмҳои Пешвои Миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Э. Рахмон инъикоси худро ёфтаанд. Масалан, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 апрели соли 2013 Президенти кишвар қайд намуда буданд, ки: устуворгардонии арзишҳои демократӣ бештар ба таъмини амнияти кишвар вобастагӣ дорад. Раванди бунёди давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, ки ба талаботҳо ва ормонҳои халқ ҷавобгӯ бошад, ҳамчун самти асосии сиёсати хориҷӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гаштааст. Масъалаи муҳофизат намудани манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ, устуворгардонии асосҳои он, асосан дар шароитҳои мушкили солҳои охир, яъне дар шароити рӯз то рӯз мушкилтар гардидани вазъияти геополитикӣ дар минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат, бархурди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, вақте ки дар зери таъсири равандбҳои ҷахонишавӣ ба истиқлолияти миллии давлатҳо таҳдидҳо ба миён меоянд, бештар ва бештар аҳамияти ҳаётан муҳимро пайдо менамояд.

Унвонҷӯ Қобилов М.З. Соли 2008 шуъбаи рӯзонаи факултети таърих ва ҳуқуқ, бахши асосҳои давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро  хатм намуда, дорандаи дипломи дараҷаи мутахассис аз рӯи ихтисоси "ҳуқуқшинос - маъмур дар соҳаи маориф" гардидааст.

Соли 2013 шуъбаи рӯзонаи факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи федералии Урал ба номи Б.Елтсинро хатм намуда дорандаи дипломи дараҷаи магистр аз руи ихтисоси "лингвист" гардидааст.

Соли 2015 ба ҳайси доктори фалсафа (PhD)дар кафедраи муносибатҳои байналхалқи, факултети муносибатҳои байнадхалқии аз руи ихтисоси 6D020200 – "муносибатҳӣои байналхалқӣ" таҳти фармони №428-05 аз 4.11.2015 қабул карда шуд.

Дар раванди омузиши масъалаҳои таҳқиқотӣ, ҷамъоварии адабиёт, гузаронидани пажуҳишҳои илмӣ, таҳлили натиҷаҳои ҳосилшуда, навиштани мақолаҳои илмӣ, иштирок ва бо маърузаҳо баромад намудан дар семинару конфронсҳо ва инчунин хангоми таҳияи рисолаи илмӣ Қобилов М.З.худро хамчун донандаи хуби ҷабҳаҳои илмӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ  шахси меҳнатдуст ва поквиҷдону пурмасъулият муаррифӣ карда тавонист.

Ӯ дар давраи бурдани таҳқиқотӣ илмияш аз болои рисолаи номбурда тамоми вазифаҳои аз тарафи роҳбари илмӣ, кафедра, факултет ва раёсати илмӣ донишгоҳ супоридашударо сари вақт ва бо сифати баланд иҷро намуда, аз руйи соҳаи таҳқиқоти худ дорои сифатхои мутахассиси ташаккулёфта ва сохиби маърифату фарҳанги баланд буданро намоиш додааст.

Унвонҷӯ Қобилов М.З. бо истифода аз маводи зиёди илмию амалии аз китобхонаҳо ва  сомонаҳои илмии интерни дастраснамудааш қобилияти мустақилона иҷро намудани таҳқиқиотӣ назариявӣ ва амалии худро ривоҷу равнақ додааст. У аз руйи натиҷаҳои мавзуи таҳқиқотиаш якчанд маротиба дар конфронсҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ бо маърузахо баромад намудааст.Қобилов М.З  аз руйи мавзуи таҳқиқотиаш  14 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки 5-тои онхо дар маҷаллаҳои таҷризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсинӣ чоп шудаанд.

Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқот ӯ аз тарафи мутахассисони пешбари соҳа баҳои баланд гирифтаанд. Интишороти илмии муаллиф бо эътимоди кофӣ мухтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмои асосии рисоларо инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ таҳқиқоти рисолаи Қобилов Муҳаббатшо Замирович кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатхои кофии касбӣ буда, метавонад аз руйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ мустақилона масъалаҳои илмӣ-тахлилӣ гузаронад ва онҳоро халлу фасл намояд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи «Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳанги-сиёсии Тоҷикистон» пажӯҳиши илмии анҷомёфта буда, муҳаққиқ ҳамаи вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳал кардааст. Рисола ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020200 муносибатҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошад.

Доктори илмҳои сиёсӣ,
Профессори кафедраи
муносибатҳои байналхалқӣ Нуриддинов Р. Ш.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, 10
тел: (992) 904585005
Почтаи электронӣ: rshn1995@mail.ru

"Тасдиқ мекунам"
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.